# Tajik State University of Commerce

## Course name: Circular Economy Fundamentals

**Week 15:** Opportunities and Barriers to Circular Economy Adoption in Tajikistan

**Lecturer:** Professor Kadyrova Zarrina Halimovna

# Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон

**Номи фан: Асосҳои иқтисодиёти даврӣ**

**МАВЗӮИ 15:** Имкониятҳо ва монеаҳои татбиқи иқтисоди даврӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Омӯзгор:** профессор Қодирова Заррина Ҳалимовна

**Нақшаи лексия:**

1. Имкониятҳои татбиқи иқтисоди даврӣ дар бахшҳои асосии иқтисоди Тоҷикистон
2. Самтҳои афзалиятнок ва механизмҳои суръатбахшии гузариш ба иқтисоди даврӣ

## Мақсади лексия:

Ташаккул додани донишҳои назариявӣ ва амалӣ оид ба имкониятҳо, афзалиятҳо ва монеаҳои татбиқи иқтисоди даврӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳлили омилҳои иқтисодӣ, институтсионалӣ, технологӣ ва иҷтимоӣ, инчунин муайян намудани роҳҳои самараноки гузариш ба модели рушди устувор бо истифодаи таҷрибаи байналмилалӣ ва хусусиятҳои иқтисоди миллӣ.

## Вазифаи лексия

- Шарҳ додани моҳият ва аҳамияти иқтисоди даврӣ ҳамчун модели муосири рушди иқтисодӣ ва нақши он дар истифодаи самараноки захираҳои табиӣ.
- Таҳлили имкониятҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рушди иқтисоди даврӣ дар соҳаҳои энергетика, кишоварзӣ, саноат, сайёҳӣ ва идоракунии партовҳо.
- Муайян намудани монеаҳои асосии татбиқи иқтисоди даврӣ, аз ҷумла маҳдудиятҳои ҳуқуқӣ, молиявӣ, технологӣ, институтсионалӣ ва сатҳи пасти огоҳии ҷомеа.
- Омӯзиши таҷрибаи байналмилалӣ ва минтақавӣ ва арзёбии имконияти мутобиқсозии онҳо ба шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон.

# Натиҷаҳои лексия:

1. Мафҳум, принсипҳо ва хусусиятҳои иқтисоди давриро шарҳ дода, фарқияти онро аз модели иқтисоди хаттӣ тавзеҳ диҳанд.
2. Имкониятҳои асосии рушди иқтисоди даврӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо назардошти захираҳои энергетикӣ, иқтидори кишоварзӣ, саноат ва сиёсати давлатии рушди иқтисоди сабз таҳлил намоянд.
3. Монеаҳои иқтисодӣ, ҳуқуқӣ, институтсионалӣ ва технологиро муайян намуда, таъсири онҳоро ба татбиқи иқтисоди даврӣ арзёбӣ кунанд.
4. Таҷрибаи пешқадами ҷаҳониро бо шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон муқоиса намуда, роҳҳои мутобиқсозии онро пешниҳод намоянд.

## 1. Имкониятҳои татбиқи иқтисоди даврӣ дар бахшҳои асосии иқтисоди Тоҷикистон

Дар шароити афзоиши аҳолӣ, маҳдуд будани захираҳои табиӣ ва таъсири тағйирёбии иқлим, масъалаи баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳо аҳамияти махсус пайдо кардааст. Дар чунин шароит иқтисоди даврӣ (Circular Economy) ҳамчун яке аз моделҳои муосири рушди иқтисодӣ баромад мекунад, ки ба нигоҳ доштани арзиши маҳсулот, мавод ва захираҳо дар давраи ҳарчи дарозтар нигаронида шудааст. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки иқтисоди он асосан ба бахшҳои кишоварзӣ, энергетика, саноати коркард ва истифодаи захираҳои табиӣ такя мекунад, иқтисоди даврӣ метавонад ба воситаи муҳими рушди устувор, диверсификатсияи иқтисоди миллӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии корхонаҳо табдил ёбад.

Таҳлилҳои байналмилалӣ нишон медиҳанд, ки гузариш ба иқтисоди даврӣ метавонад на танҳо ҳаҷми партовҳоро коҳиш диҳад, балки манбаъҳои нави даромад, ҷойҳои нави корӣ ва имкониятҳои сармоягузориро низ фароҳам оварад.

## Бахши кишоварзӣ ҳамчун заминаи асосии иқтисоди даврӣ

Кишоварзӣ яке аз соҳаҳои калидии иқтисоди Тоҷикистон мебошад. Ҳамзамон ин бахш миқдори зиёди партовҳои органикиро истеҳсол менамояд, ки аксар вақт самаранок истифода намешаванд.

Дар модели иқтисоди даврӣ партовҳои органикӣ ҳамчун манбаи нави арзиш баррасӣ мегарданд. Самтҳои асосии татбиқ:

- истеҳсоли компост аз партовҳои кишоварзӣ;
- истифодаи пору барои истеҳсоли биогаз;
- коркарди маҳсулоти ғайристандартии кишоварзӣ;
- истифодаи технологияҳои гардиши об;
- истеҳсоли нуриҳои органикӣ.

# Намунаҳои татбиқи иқтисоди даврӣ дар кишоварзӣ

| **Захира** | **Усули истифодаи даврӣ** | **Натиҷаи иқтисодӣ** |
|---|---|---|
| Поруи чорво | Истеҳсоли биогаз | Камшавии хароҷоти энергия |
| Партовҳои меваю сабзавот | Компост | Баланд шудани ҳосилнокӣ |
| Боқимондаҳои ҳосили кишоварзӣ | Хӯроки чорво ё биоэнергия | Даромади иловагӣ |
| Оби коркардшуда | Обёрии такрорӣ | Сарфаи об |

## Имкониятҳои иқтисоди даврӣ дар саноат

Дар бисёр кишварҳои пешрафта рушди иқтисоди даврӣ пеш аз ҳама бо навсозии саноат алоқаманд аст. Дар Тоҷикистон бахшҳои зерин дорои имкониятҳои баланд мебошанд:

- саноати хӯрокворӣ;
- саноати нассоҷӣ;
- металлургия;
- истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ.

## Самтҳои асосӣ

- истифодаи дубораи ашёи хом;
- коркарди такрории партовҳои истеҳсолӣ;
- истифодаи гармии дуюмдараҷа;
- таъмир ва барқарорсозии таҷҳизот;
- истифодаи маҳсулоти иловагӣ ҳамчун ашёи хом.

## Модели саноати даврӣ

| Марҳилаи анъанавӣ | Марҳилаи иқтисоди даврӣ |
|---|---|
| Ашёи хом | Ашёи хоми ибтидоӣ + дуюмдараҷа |
| Истеҳсол | Истеҳсол бо партовҳои кам |
| Истеъмол | Истифодаи дарозмуддат |
| Партов | Коркарди дубора |

## Иқтисоди даврӣ дар энергетика

Тоҷикистон аз ҷиҳати гидроэнергетика яке аз кишварҳои пешсафи минтақа мебошад. Бо вуҷуди ин, имкониятҳои иқтисоди даврӣ дар энергетика танҳо ба нерӯгоҳҳои обӣ маҳдуд намешаванд. Самтҳои асосӣ

- истеҳсоли биогаз аз партовҳои органикӣ;
- истифодаи партовҳои кишоварзӣ ҳамчун манбаи энергия;
- коркарди таҷҳизоти фарсудаи энергетикӣ;
- истифодаи технологияҳои каммасраф.

# Иқтисоди даврӣ ва энергетика

| Манбаъ | Маҳсулоти асосӣ | Маҳсулоти дуюмдараҷа |
| --- | --- | --- |
| Партовҳои органикӣ | Биогаз | Нуриҳои органикӣ |
| Партовҳои чӯб | Энергия | Хокистар барои кишоварзӣ |
| Пору | Гармӣ ва барқ | Компост |

## Идоракунии партовҳо ҳамчун бахши стратегии иқтисоди даврӣ

Тибқи принсипҳои иқтисоди даврӣ партовҳо набояд ҳамчун маҳсулоти ниҳоӣ, балки ҳамчун захираи иқтисодӣ баррасӣ шаванд. Дар шаҳрҳои гуногуни  Тоҷикистон ҳаҷми партовҳои маишӣ мунтазам меафзояд, аммо сатҳи коркарди онҳо ҳанӯз паст мебошад.



1

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамасола зиёда аз 9 миллион тонна партовҳои сахти маишӣ ба вуҷуд меоянд, ки аз онҳо 321 ҳазору 890 тонна-ро партовҳои пластикӣ ташкил медиҳанд. Ҳар як сокини шаҳрҳои бузурги Тоҷикистон дар як шабонарӯз зиёда аз 1 килограмм партовҳои сахт, аз ҷумла зиёда аз 100 грамм пластик, ба муҳити зист мепартояд.

1. https://sputnik.tj/20260409/oyanda-millat-vazorati-tandurusti-kudakon-partovpartoi-1076708074.html

# Иерархияи идоракунии партовҳо

| Афзалият | Амал |
|---|---|
| 1 | Пешгирии пайдоиши партов |
| 2 | Кам кардани истеъмол |
| 3 | Истифодаи дубора |
| 4 | Таъмир ва барқарорсозӣ |
| 5 | Коркарди такрорӣ |
| 6 | Безараргардонӣ |

*Иқтисоди даврӣ дар бахши об*

Тоҷикистон ҳамчун кишвари дорои захираҳои бузурги обӣ бояд истифодаи самараноки обро таъмин намояд.

Самтҳои асосӣ

•истифодаи такрории обҳои техникӣ;

•ҷорӣ намудани технологияҳои қатрагии обёрӣ;

•тозакунии обҳои истифодашуда;

•рақамикунонии идоракунии захираҳои об.

# Самаранокии истифодаи даврии об

| Технология | Натиҷа |
| --- | --- |
| Обёрии қатрагӣ | Сарфаи 30–50% об |
| Мониторинги рақамӣ | Кам шудани талафот |
| Тозакунии об | Истифодаи такрорӣ |

*Иқтисоди даврӣ дар соҳаи сайёҳӣ*

Яке аз самтҳои нав барои Тоҷикистон рушди сайёҳии устувор мебошад. Принсипҳои иқтисоди даврӣ метавонанд дар ин бахш тавассути:

- коҳиши истифодаи пластик;
- идоракунии партовҳо;
- истифодаи энергияи барқароршаванда;
- дастгирии истеҳсолкунандагони маҳаллӣ татбиқ карда шаванд.

Дар доираи амалисозии ҳадафи саноатикунонии босуръати кишвар пешбинӣ мегардад, ки то соли 2030 ҳиссаи саноат дар маҷмуи маҳсулоти дохилӣ ба сатҳи 30 фоиз расонида мешавад ва дар баробари ноил гардидан ба ин нишондиҳанда амалишавии васеи иқтисоди «сабз» дар соҳаи саноат муҳим арзёбӣ кардан мумкин аст.

Дар соли 2021 теъдоди корхонаҳои саноатӣ ба 2 386 адад расонида шудааст, ки аз он 291 адад корхонаҳо дар самти саноати истихроҷ, 1 931 адад корхонаҳо дар самти саноати коркард, 72 адад корхонаҳо дар самти таъминоти нерӯи барқ, газ, буғ ва тозакунии ҳаво ва 92 адад корхонаҳо дар самти таъминоти об, тозакунӣ, коркарди партовҳо ва дастрасӣ ба коркарди дуюмдараҷа фаъолият менамоянд. Дар тӯли панҷ соли минбаъда (то соли 2026) таъсиси зиёда аз 870 корхонаи саноатӣ (ба ҳисоби миёна 175 корхона дар як сол) ва расонидани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ба 95 миллиард сомонӣ пешбинӣ гардидааст.

Тоҷикистон имкониятҳои васеи татбиқи иқтисоди даврӣ пеш аз ҳама дар бахшҳои кишоварзӣ, саноат, энергетика, идоракунии партовҳо ва захираҳои обӣ мавҷуданд. Бо дарназардошти афзалиятҳои сохтории иқтисоди миллӣ, бахши кишоварзӣ ва энергетика метавонанд ҳамчун нуқтаҳои оғози гузариш ба иқтисоди даврӣ баромад намоянд. Инчунин, таҷрибаи кишварҳои пешрафта нишон медиҳад, ки татбиқи иқтисоди даврӣ на танҳо масъалаи экологӣ, балки воситаи баланд бардоштани ҳосилнокӣ, ҷалби сармоягузорӣ, ташкили ҷойҳои нави корӣ ва рушди инноватсия мебошад. Барои Тоҷикистон низ иқтисоди даврӣ метавонад ба яке аз механизмҳои муҳими расидан ба ҳадафҳои рушди устувор ва иқтисоди сабз табдил ёбад.

## 2. Самтҳои афзалиятнок ва механизмҳои суръатбахши гузариш ба иқтисоди даврӣ

Гузариш ба иқтисоди даврӣ танҳо бо ҷорӣ намудани технологияҳои нави коркарди партовҳо маҳдуд намешавад. Таҷрибаи кишварҳои пешрафта нишон медиҳад, ки муваффақияти иқтисоди даврӣ аз ҳамоҳангии сиёсати давлатӣ, муҳити ҳуқуқӣ, дастрасӣ ба сармоягузорӣ, рушди технологияҳо ва иштироки фаъоли бахши хусусӣ вобастагӣ дорад. Барои Тоҷикистон, ки ҳанӯз дар марҳилаи ибтидоии татбиқи принсипҳои иқтисоди даврӣ қарор дорад, омӯзиши таҷрибаи кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ) метавонад барои муайян намудани самтҳои афзалиятнок ва механизмҳои муассири рушд аҳамияти калон дошта бошад.

## Такмили сиёсати давлатӣ ва муҳити ҳуқуқӣ

Таҳлилҳои байналмилалӣ нишон медиҳанд, ки рушди иқтисоди даврӣ пеш аз ҳама ба мавҷудияти заминаи устувори ҳуқуқӣ вобаста аст. Қонунгузорӣ бояд на танҳо масъалаҳои идоракунии партовҳоро танзим намояд, балки барои истифодаи такрории захираҳо, истеҳсолоти кампартов ва сармоягузориҳои сабз низ ҳавасмандӣ фароҳам оварад. Дар Тоҷикистон Стратегияи рушди иқтисоди сабз барои солҳои 2023–2037 заминаи муҳимро барои рушди иқтисоди даврӣ ташкил медиҳад. Бо вуҷуди ин, ҳанӯз зарурати таҳияи санадҳои махсус оид ба иқтисоди даврӣ, масъулияти васеи истеҳсолкунандагон (Extended Producer Responsibility – EPR) ва идоракунии муосири партовҳо вуҷуд дорад.

## *Муқоисаи сиёсати иқтисоди даврӣ дар кишварҳои ИДМ*

| Кишвар | Ҳуҷҷатҳои махсус оид ба иқтисоди даврӣ | Вазъият |
|---|---|---|
| Қазоқистон | Қисман мавҷуд аст | Пешсаф дар Осиёи Марказӣ |
| Ӯзбекистон | Барномаҳои иқтисоди сабз амал мекунанд | Марҳилаи рушд |
| Русия | Қонунгузории мукаммал оид ба партовҳо ва EPR | Пешрафта |
| Беларус | Стратегияи рушди иқтисоди сабз | Пешрафта |
| Тоҷикистон | Стратегияи иқтисоди сабз | Марҳилаи ибтидоӣ |

## Ҷалби сармоягузориҳои сабз

Яке аз омилҳои асосии муваффақияти иқтисоди даврӣ дастрасӣ ба сармоя мебошад. Гузариш ба технологияҳои сабз, сохтмони корхонаҳои коркарди партовҳо ва рушди инфрасохтори даврӣ сармоягузориҳои калонро талаб мекунад. Дар Тоҷикистон қисми зиёди маблағгузорӣ ба лоиҳаҳои экологӣ аз ҷониби шарикони байналмилалии рушд амалӣ мегардад. Аммо дар дарозмуддат иштироки фаъоли бахши хусусӣ зарур мебошад.

## Сармоягузориҳои байналмилалӣ барои рушди иқтисоди сабз ва инфрасохтори экологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

| Ташкилоти байналмилалӣ | Лоиҳа / Самт | Ҳаҷми маблағгузорӣ |
|---|---|---|
| Бонки Ҷаҳонӣ (World Bank) | Лоиҳаи рушди устувори шаҳри Душанбе ва идоракунии партовҳо | 40 млн доллари ИМА |
| Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд (EBRD) + Green Climate Fund (GEFF) | Барномаи маблағгузории иқтисоди сабз барои Тоҷикистон | 25 млн доллари ИМА |
| Бонки Осиёии Рушд (ADB) | Лоиҳаҳои энергетика, мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим ва идоракунии захираҳо | 50 млн доллари ИМА (марҳилаи ҷорӣ) |
| Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд (EBRD) | Навсозии шабакаҳои обтаъминкунӣ ва инфрасохтори коммуналӣ | 22 млн евро |
| Green Climate Fund (GCF) | Барномаҳои мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим ва рушди устувор | 10 млн доллари ИМА |
| Иттиҳоди Аврупо (EU) | Барномаҳои иқтисоди сабз, идоракунии захираҳо ва рушди устувор | 20 млн евро (дар доираи барномаҳои минтақавӣ) |

# Муқоисаи сармоягузориҳои сабз дар баъзе кишварҳои ИДМ

| Кишвар | Самтҳои асосии сармоягузорӣ |
|---|---|
| Қазоқистон | Энергетикаи сабз, коркарди партовҳо |
| Ӯзбекистон | Энергетикаи офтобӣ ва иқтисоди сабз |
| Беларус | Истеҳсолоти кампартов |
| Русия | Иқтисоди даврӣ ва технологияҳои коркарди партовҳо |
| Тоҷикистон | Энергетика ва мутобиқшавӣ ба иқлим |

Бо дарназардошти сармояталаб будани лоиҳаҳои иқтисоди даврӣ, ташаккули низоми устувори маблағгузории сабз ба яке аз шартҳои асосии гузариш ба модели рушди даврӣ табдил меёбад. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳим аст, ки механизмҳои инноватсионии молиявӣ, аз ҷумла қарзҳои сабз, вомбаргҳои сабз, механизмҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ, фондҳои экологӣ ва воситаҳои байналмилалии маблағгузории иқлимиро фаъолона ҷорӣ намояд. Ин воситаҳо метавонанд сатҳи ҷалби сармояро афзоиш дода, хавфҳои сармоягузориро коҳиш диҳанд ва татбиқи лоиҳаҳои стратегии иқтисоди давриро дар бахшҳои энергетика, кишоварзӣ, саноат ва идоракунии партовҳо таъмин намоянд

*Рақамикунонӣ ва технологияҳои инноватсионӣ*

Дар шароити иқтисоди муосир гузариш ба иқтисоди даврӣ бе истифодаи технологияҳои рақамӣ ва ҳалли инноватсионӣ амалан ғайриимкон мебошад. Рақамикунонӣ имкон медиҳад, ки ҷараёни ҳаракати ашёи хом, маҳсулот ва партовҳо дар тамоми занҷири арзиш ба таври шаффоф назорат ва идора карда шавад. Ин раванд ба баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳо, коҳиши талафот, беҳтар намудани идоракунии партовҳо ва афзоиши рақобатпазирии иқтисод мусоидат менамояд.

Тибқи таҳқиқоти Созмони Ҳамкории Иқтисодӣ ва Рушд (OECD) ва Бонки Осиёии Рушд, технологияҳои рақамӣ ба яке аз воситаҳои асосии суръатбахшии гузариш ба иқтисоди даврӣ табдил ёфтаанд. Маҳз тавассути онҳо имкони ҷамъоварӣ, таҳлил ва истифодаи самараноки маълумот барои қабули қарорҳои стратегӣ фароҳам меоянд.

Ба гурӯҳи технологияҳои калидии рақамӣ, ки дар рушди иқтисоди даврӣ нақши муҳим мебозанд, инҳо дохил мешаванд:

- Интернети ашё (Internet of Things – IoT);
- Зеҳни сунъӣ (Artificial Intelligence – AI);
- Таҳлили маълумотҳои бузург (Big Data Analytics);
- Блокчейн (Blockchain);
- Шиносномаи рақамии маҳсулот (Digital Product Passport).

| Ташкилот | Лоиҳа / Самти дастгирӣ | Ҳаҷми маблағгузорӣ |
|---|---|---|
| Бонки Ҷаҳонӣ (World Bank) | Digital Foundations Project – рушди ҳукумати электронӣ, инфрасохтори рақамӣ ва хизматрасониҳои давлатӣ | 50 млн доллари ИМА (World Bank) |
| Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд (EBRD) | Рушди иқтисоди рақамӣ, рақамикунонии бахши хусусӣ ва хизматрасониҳои давлатӣ | зиёда аз 100 млн доллари ИМА (2025) (The Times Of Central Asia) |
| Иттиҳоди Аврупо (EU) | Грант барои рақамикунонии низоми баҳисобгирӣ ва ҳисобкунии нерӯи барқ дар 9 шаҳри Тоҷикистон | 15 млн евро (The Times Of Central Asia) |
| EBRD + Иттиҳоди Аврупо | Дастгирии соҳибкории хурду миёна, рақамикунонӣ ва хизматрасониҳои машваратӣ | 4 млн евро грант + 3,4 млн евро кӯмаки техникӣ (ЕБРР) |
| Барномаи рушди Иттиҳоди Аврупо (2021–2027) | Дастгирии табдили рақамӣ (Digital Transformation) дар доираи рушди иқтисодӣ ва идоракунии давлатӣ | Барномаи бисёрсолаи минтақавӣ (ҳаҷми умумӣ барои Тоҷикистон) (International Partnerships) |

Дар Қазоқистон ва Ӯзбекистон аллакай лоиҳаҳои рақамикунонии энергетика ва идоракунии захираҳо амалӣ мешаванд. Барои Тоҷикистон рушди ҳукумати электронӣ ва иқтисоди рақамӣ метавонад заминаи муҳим барои иқтисоди даврӣ гардад.

## Рушди шарикии давлат, бахши хусусӣ ва муассисаҳои илмӣ

Таҳқиқотҳои байналмилалӣ нишон медиҳанд, ки гузариш ба иқтисоди даврӣ танҳо тавассути тадбирҳои давлатӣ имконпазир нест. Таҷрибаи кишварҳои пешрафта собит менамояд, ки самаранокии татбиқи принсипҳои иқтисоди даврӣ аз сатҳи ҳамкории байни давлат, бахши хусусӣ ва муассисаҳои илмӣ вобастагии мустақим дорад. Дар адабиёти илмӣ чунин шакли ҳамкорӣ ҳамчун модели «Спирали сегона» (Triple Helix Model) маъруф мебошад. Мувофиқи ин модел, давлат муҳити мусоиди ҳуқуқӣ, институтсионалӣ ва иқтисодиро фароҳам меорад, бахши хусусӣ сармоягузорӣ ва ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсиониро таъмин менамояд, дар ҳоле ки муассисаҳои илмӣ ва таҳсилоти олӣ вазифаи истеҳсоли дониш, анҷом додани таҳқиқоти илмӣ ва омодасозии кадрҳои баландихтисосро ба зимма доранд. Маҳз ҳамгироии ин се унсур имкон медиҳад, ки навовариҳои илмӣ ба истеҳсолот ворид гардида, рушди иқтисоди даврӣ суръат бахшида шавад.

Таҷрибаи кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил нишон медиҳад, ки донишгоҳҳо ва марказҳои илмӣ дар рушди технологияҳои сабз ва иқтисоди даврӣ нақши муҳим доранд. Масалан, дар Беларус муассисаҳои таҳсилоти олӣ дар таҳияи технологияҳои коркарди такрории партовҳо ва баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳо фаъолона иштирок менамоянд. Дар Қазоқистон бошад, донишгоҳҳо ва марказҳои илмӣ бо бахши хусусӣ дар самти рушди энергетикаи барқароршаванда, технологияҳои рақамӣ ва идоракунии партовҳо ҳамкорӣ менамоянд.

Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳкими робитаи байни илм, истеҳсолот ва сиёсати давлатӣ аҳамияти стратегӣ дорад. Дар ин замина рушди марказҳои инноватсионӣ, таъсиси лабораторияҳои тахассусӣ оид ба иқтисоди даврӣ, ҷалби муассисаҳои таҳсилоти олӣ ба таҳияи лоиҳаҳои экологӣ ва густариши ҳамкории илм бо бахши истеҳсолӣ метавонанд ба ташаккули экосистемаи миллии навоварӣ мусоидат намоянд. Чунин равиш на танҳо сатҳи татбиқи технологияҳои муосирро баланд мебардорад, балки барои омодасозии мутахассисоне, ки ба талаботи иқтисоди сабз ҷавобгӯ мебошанд, низ замина фароҳам меорад.

Бо вуҷуди мушкилоти молиявӣ, технологӣ ва институтсионалӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои имкониятҳои назаррас барои рушди иқтисоди даврӣ мебошад. Мавҷудияти захираҳои бузурги гидроэнергетикӣ, иқтидори баланди манбаъҳои барқароршавандаи энергия, захираҳои фаровони обӣ ва рушди босуръати соҳаи кишоварзӣ барои татбиқи моделҳои иқтисоди даврӣ шароити мусоид фароҳам меоранд. Яке аз самтҳои ояндадори рушди иқтисоди даврӣ дар Тоҷикистон кишоварзии даврӣ ба ҳисоб меравад. Ҳаҷми зиёди партовҳои органикӣ ва мавҷудияти бахши васеи кишоварзӣ имконият медиҳанд, ки технологияҳои истеҳсоли компост, биоэнергия ва истифодаи дубораи захираҳо васеъ ҷорӣ карда шаванд. Ҳамзамон, рушди биоэнергетика ва истеҳсоли биогаз метавонад ҳам ба ҳалли масъалаҳои энергетикӣ ва ҳам ба коҳиши таъсири манфии экологӣ мусоидат намояд.

# Минтақаҳои дорои имкониятҳои бештар

| Минтақа | Имкониятҳои иқтисоди даврӣ |
|---|---|
| ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ (вилояти Хатлон) | Пахтакорӣ, ғалладона, истеҳсоли компост аз боқимондаҳои кишоварзӣ ва истеҳсоли биогаз |
| ноҳияи Кӯшониён (вилояти Хатлон) | Паррандапарварӣ ва чорводорӣ, истифодаи пору барои истеҳсоли биоэнергия |
| ноҳияи Ёвон (вилояти Хатлон) | Коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, истифодаи партовҳои органикӣ барои нуриҳои органикӣ |
| шаҳри Турсунзода | Токпарварӣ ва боғдорӣ, истеҳсоли компост ва истифодаи боқимондаҳои растанигӣ |
| ноҳияи Бобоҷон Ғафуров (вилояти Суғд) | Боғдорӣ, сабзавоткорӣ ва коркарди партовҳои меваю сабзавот |
| ноҳияи Спитамен (вилояти Суғд) | Кишоварзии интенсивӣ, истифодаи дубораи об ва истеҳсоли биогаз |
| ноҳияи Данғара (вилояти Хатлон) | Комплексҳои бузурги кишоварзӣ ва чорводорӣ, имконияти ташкили иқтисоди пӯшидаи истеҳсолӣ |
| водии Рашт (ноҳияҳои Рашт, Тоҷикобод ва Лахш) | Истеҳсоли маҳсулоти органикӣ, компостсозӣ ва истифодаи биомасса |

Самти дигари муҳим рушди инфрасохтори коркарди партовҳо мебошад. Дар шароити афзоиши ҳаҷми партовҳои маишӣ ва саноатӣ, ташкили низоми муосири ҷамъоварӣ, ҷудокунии аввалия ва коркарди такрории партовҳо метавонад ба манбаи нави рушди иқтисодӣ табдил ёбад. Илова бар ин, рақамикунонии идоракунии захираҳо ва ҷорӣ намудани технологияҳои интеллектуалӣ имконият медиҳад, ки самаранокии истифодаи энергия, об ва ашёи хом баланд бардошта шавад. Дар муқоиса бо Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Беларус, ки имрӯз ба марҳилаи ташаккули инфрасохтори иқтисоди даврӣ ва бозори ашёи хоми дуюмдараҷа ворид шудаанд, Тоҷикистон ҳоло дар марҳилаи ташаккули заминаҳои институтсионалӣ ва ҳуқуқии иқтисоди даврӣ қарор дорад. Бо вуҷуди ин, таҷрибаи Ӯзбекистон нишон медиҳад, ки дар сурати мавҷуд будани сиёсати фаъолонаи давлатӣ, ҷалби сармоягузорӣ ва дастгирии ислоҳот дар муддати нисбатан кӯтоҳ низ метавон ба пешрафти назаррас ноил гардид.

| Лоиҳа | Ташкилоти маблағгузор | Ҳаҷми маблағгузорӣ | Минтақа |
|---|---|---|---|
| Dushanbe Sustainable Urban Development Project | Бонки Ҷаҳонӣ (IDA) | 40 млн доллари ИМА | шаҳри Душанбе (World Bank) |
| Dushanbe Solid Waste Management Project | EBRD | 4 млн доллар қарз (арзиши умумии лоиҳа 11,71 млн доллар) | шаҳри Душанбе (ЕБРР) |
| Khujand Solid Waste Management Project | EBRD | 2,5 млн доллар қарз + 2,5 млн доллар грант | шаҳри Хуҷанд (ЕБРР) |
| Khujand Solid Waste Phase II | EBRD | тақрибан 5 млн доллар | шаҳри Хуҷанд (DevelopmentAid) |
| Khorog Solid Waste Project | EBRD + SECO (Швейтсария) | 2 млн доллар қарз + 2 млн доллар грант | шаҳри Хоруғ (d-portal.org) |
| Tajikistan Solid Waste Framework | EBRD + донорҳои байналмилалӣ | 26 млн доллар қарз + 26 млн доллар грант | якчанд шаҳрҳои Тоҷикистон (ЕБРР) |

Дар соли 2025 Бонки Осиёии Рушд барои дастгирии ислоҳоти иқтисоди сабз ва рушди ҷойҳои кории сабз ба Тоҷикистон 50 миллион доллар ҷудо намуд, ки аҳамияти афзояндаи ин самтро нишон медиҳад.

Барои Тоҷикистон самтҳои афзалиятноки рушди иқтисоди даврӣ бояд ба кишоварзии даврӣ, рушди биоэнергетика, коркарди такрории партовҳо, рақамикунонии идоракунии захираҳо ва таҳкими иқтидори илмӣ-инноватсионӣ равона карда шаванд. Маҳз истифодаи самараноки ин имкониятҳо метавонад ба ташаккули модели нави рушди иқтисодӣ мусоидат намуда, ҳамзамон ҳадафҳои рушди устувор, иқтисоди сабз ва рақобатпазирии иқтисоди миллиро таъмин намояд. Гузариш ба иқтисоди даврӣ барои Тоҷикистон на танҳо масъалаи ҳифзи муҳити зист, балки воситаи баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисоди миллӣ, диверсификатсияи истеҳсолот ва истифодаи самараноки захираҳо мебошад

Таҳлили таҷрибаи кишварҳои ИДМ нишон медиҳад, ки муваффақияти ин раванд пеш аз ҳама аз панҷ омил вобаста аст: сиёсати муассири давлатӣ, муҳити ҳуқуқии муосир, сармоягузориҳои сабз, технологияҳои рақамӣ ва ҳамкории фаъоли давлат, бахши хусусӣ ва муассисаҳои илмӣ. Дар шароити Тоҷикистон афзалият бояд ба рушди кишоварзии даврӣ, энергетикаи сабз, коркарди партовҳо ва рақамикунонии идоракунии захираҳо дода шавад. Маҳз ҳамин самтҳо метавонанд дар солҳои наздик ба ташаккули модели устувор ва рақобатпазири иқтисоди даврӣ мусоидат намоянд.

## Адабиёт


1. Ҷумҳурии Тоҷикистон. (2023). Стратегияи рушди иқтисоди сабз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023–2037. Душанбе.
2. Ҷумҳурии Тоҷикистон. (2016). Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. Душанбе.
3. Ҷумҳурии Тоҷикистон. (2021). Стратегияи рушди саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. Душанбе.
4. Ҷумҳурии Тоҷикистон. (2019). Стратегияи рушди иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе.
5. World Bank. (2024). Tajikistan Country Climate and Development Report (CCDR). Washington, DC: World Bank.
6. World Bank. (2023). Detox Development: Repurposing Environmentally Harmful Subsidies. Washington, DC: World Bank.
7. World Bank. (2022). The Global Benefits of a Circular Economy. Washington, DC: World Bank.
8. Asian Development Bank. (2024). Climate Risk Country Profile: Tajikistan. Manila: ADB.
9. Asian Development Bank. (2025). Country Partnership Strategy: Tajikistan 2026–2030. Manila: ADB.
10. Asian Development Bank. (2025). Green Jobs and Resilient Business Development in Tajikistan. Manila: ADB

**Ташаккур ба диққататон!**